# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №32
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11.10.2025, №1

Барои сазовор донистани Ҳусензода Анвар Раҳмонқул, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя «11» октябри соли 2025, суратмаҷлиси №1 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2023, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусензода Анвар Раҳмонқул**,** 02 – уми декабри соли 1986 таваллуд шудааст.

Соли 2009 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯи ихтисоси менеҷменти тиҷоратӣ хатм кардааст.

Солҳои 2008 то соли 2010 ҳамчун лаборанти кафедраи математика-информатикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият намудааст.

Аз соли 2010 то 2012 оператори ДОТ дар шаҳри Панҷакент кор кардааст.

Аз соли 2012 то 2016 сармутахассиси маркази бақайдгирии ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият намудааст.

Аз соли 2016 то 2020 Сардори маркази бақайдгирии ДОТ дар шаҳри Панҷакент.

Аз соли 2019 то инҷониб устоди калони кафедраи назарияи иқтисод ва идоракунии ДОТ дар шаҳри Панҷакент.

Аз соли 2020 то 2023 мутахассис оид ба пайгирии хатмкунандагони ДОТ дар шаҳри Панҷакент.

Аз соли 2023 то инҷониб Роҳбари дастгоҳи иҷроияи ректори ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисод ва идоракунии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабов Раҷаб Кӯчакович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**2. Ҷурахонзода Саодат Ҷурахон,** номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Маркази стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" -и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" аз санаи 19- сентябри соли 2025, суратмаҷлиси № 5 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, директори муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ", д.и.с. Маҳмадбекзода М., эксперт мудири шуъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ н.и.и. С. Давлатов ва котиби ҷаласа мудири шуъбаи танзими масъалаҳои муҳоҷират н.и.и. У. Раимдодов имзо шуда, аз тарафи Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" – и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Маҳмадбекзода Моёншо Шодмон аз санаи 20.09.2025 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои наклиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Ҳусензода Анвар Раҳмонқул сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти

интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Муассисаи давлатии "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" -и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-А]. Баҳодиҳии усулҳо ва тарзҳои ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муосир /А.Р.Ҳазратқулов //Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2021, №4/2(39). - С. 203-208.

[2-А]. Баҳодиҳии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Раҷабов Р.К., Ҳазраткулов А.Р. //Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2022 №4/2(44).- С. 7-13.

[3-А]. Истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнати кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ / Раҷабов Р.К., Ҳазраткулов А.Р. // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2024 №2.- С. 159-166.

[4-А]. Муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ /Ҳазратқулов А.Р. // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2024 №5.- С. 109-116.

Б) **интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию баналмилалӣ:**

[5-А]. Нақши нақлиёт дар рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Ҳазратқулов А.Р. //Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии апрелии донишҷӯён, магистрантҳо ва устодон. – Панҷакент:«ДОТП», 2018.-С. 207-212

[6-А]. Исследование спроса и предложения на рынке транспортных услуг/ Ҳазратқулов А.Р.// Маводи анҷумани илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи "Технология ва инноватсияи таълими касбӣ-техникӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" 4-6 июни соли 2018. – Панҷакент: «ДОТП», 2018. – С. 419-423.

[7-А]. Модель выбора эффективных форм финансово-кредитной поддержки предприятий малого и среднего предпринимательства /Ҳазратқулов А.Р. //Паёми донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент. – 2019,

№1/2, - С. 555-559.

[8-А]. Перспективы развития приграничной торговли в Горно-Бадахшанской автономной области в условиях всемирной торговой организации /Хазраткулов А.Р. //Паёми донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент. – 2019, №2,С. 742-746.

[9-А]. Такмили механизми ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар шароити рақамикунонӣ/ А.Р.Ҳазратқулов//Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: “Масоили омодасозии кадрҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”(22.05.2024):-Душанбе:ДДТТ, 2024

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:**

**Аз доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шамсзода Илёс Сафар бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат таҳлили ҳолати механизмҳои татбиқшавандаи пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии гузаронида шуда, масоил ва монеаҳо муайян карда шудаанд. Мутаассифона роҳҳои бартараф кардани баъзе аз масоилҳо дар шароити муосири рушди иқтисодиёт арзёбӣ нагардидааст.

2. Дар автореферат баъзе аз мавҳумҳо ва пешниҳодҳо ба пурраги кушода ва шаҳр нашудаанд.

**Аз д.и.и., дотсенти МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат омилҳое, ки ба рушди иқтидори инноватсионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва механизми мотиватсионии коргарон таъсир мерасонанд, мавриди таҳқиқи пурра қарор дода нашудааст.

2. Ҳангоми баҳодиҳӣ бартарияти истифодаи низомҳои муосири такмили музди меҳнат ва ҳавасмандгардони кормандон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ пешниҳод нагардидааст.

**Аз н.и.и., дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Холназаров Мирзошариф Ҳақназарович бо эродҳои зерин:**

1. Дар автореферат ба арзёбии таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муносибатҳои бозорӣ диққати махсус дода шудааст. Мутаасифона пешниҳодҳо нисбати истифодаи ин таҷриба дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон сурат нагирифтааст.

2. Инчунин, дар автореферат на ҳамаи паҳлуҳои мукаммалгардонии истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнатӣ кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дида баромада шудааст.

**Аз н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Имомназаров Музаффар Аҳмадҷонович бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат дар сатҳи зарурӣ таҳлили вазъи кунунӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи пурра қарор дода шудааст. Новобаста ба ин нақши корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар бозори меҳнати минтақаҳо пурра баҳо дода нашудааст.

2. Ҳангоми арзёбӣ алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ мавриди омузиш қарор нагирифтааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии такмили механизми ҳавасамандгардонии фаъолияти меҳнатӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ он муайян гардидааст;

- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба раванди такмили низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии он таҳия карда шудааст;

- механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асосҳои илмию назариявии мафҳуми ҳавасмандгардонӣ ва аниқ намудани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он дар шароити муосир баррасӣ шудаанд;

- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- *таҳлили* вазъи муосири такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ гузаронида шудааст;

- муайянкунии омилҳои таъсиррасон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташаккул ва рушди муносибатҳоииқтисодӣ;

-таҳлили вазъи кунунӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбӣ намудани низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ;

- таҳқиқ ва арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар субъектҳои корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар раванди таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент татбиқ гардидаанд;

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

-*назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин ташаккул ва такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ асос ёфтааст**;**

-*ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ мусоидат мекунад;

- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ» ва ғайра татбиқ шудаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 9 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2019-2024 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 октябри соли 2025 қарори сазовор донистан  Ҳусензода Анвар Раҳмонқул бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор  15 нафар, муқобил  1 нафар, бюллетени беэътибор  0 нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., и.в. профессор — Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Машокиров Ҷ.Н.